**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ № 4, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК № 4, 2015**

**УДК: 02+024+9 тоҷик**

**МАМАДАЗИМОВА М.** [1]

# ЗАМИНАҲОИ БУНЁД ВА РУШДИ КИТОБХОНАИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН (солҳои 20-30-уми асри XX)

Мақолаи дар мавзӯи (заминаҳои бунёд ва рушди китобхонаи миллии Тоҷикистон, солҳои 20-30 асри XX) дар даврони истиқлоли китобхонаи миллӣ яке аз рукнҳои асосии миллат ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки омӯзиши ин мавзӯъ муҳимият пайдо менамояд.

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш кардааст заминаҳои асосии бунёд ва рушди китобхонаи миллиро бо далелҳо тасдиқ намуда, дар асоси маводҳо аз бойгонӣ ва адабиёти чопи давраи мазкурро таҳлил ва баррасӣ менамояд.

Факту рақамҳое, ки дар мақола оварда шудаанд, муайян месозад, ки китобхонаи асосии ҷумҳурӣ дар маърифатноккунонии аҳолӣ, ҷамъоварӣ, ҳифз ва тарғиби адабиёт саҳми арзанда гузоштааст. Дар мақола воқеаҳои таърихӣ пасиҳам омада, вазифаҳои асосии ин боргоҳи маърифатро дар як давраи гузаштаи таърихии солҳои 20-30-юми асри XX муайян месозад.

**Калидвожаҳо:** Китобхона, китоб, китобдор, бойгонӣ, оммавӣ, директор, фонд, дастхат, хонанда, шуъба, маълумот, фарҳанг, қарор, мудир.

Ҳарчанд аҷдодонамон анъанаи дерини китобдорӣ доштанд, бунёди китобхонаи муосир ба давраи баъди барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар Осиёи Миёна рост омад. Соли 1923 ҳанӯз қабл аз ташкилшавии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (октябри соли 1924) аз китобхонаи дивизияи сеюми тирандози Туркистон воқеъ дар шаҳри Самарқанд теъдоди зиёди китоб (се ҳазор нусха) ба шаҳри Душанбе интиқол ёфта, ба пайдоиши китобхонаи гарнизони дар ҳудуди Тоҷикистон асос гузошта шуд [21;10. 22;197]. Пас аз ду соли бунёди китобхонаи гарнизонӣ дар шаҳри Душанбе, соли 1925 аввалин китобхона-қироатхона барои оммаи шаҳрвандон кушода шуд, он ба мисоли ҳуҷра (кулба)–и хурдакак дар ҳудуди боғи шаҳрӣ ҷойгир буд. Дар ин бобат мутахассиси кори китобдорӣ Шевченко Зинаида Матвеевна бо истифода аз маводи бойгонӣ далелҳо меорад. Моҳи декабри ҳамон сол, дар ҷаласаи Комиссариати Халқии маорифи (Наркомпрос) ҶМШС Тоҷикистон, масъалаи таъсис додани китобхонаи шаҳрӣ дар асоси аввалин китобхона-қироатхона ва ҷудо намудани маблағ барои пуррагардонии хазинаи китобхона бо адабиёт ба забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар Қарори ҳайати мушовараи Комиссариати Халқии маорифи ҶМШС Тоҷикистон аз 12 январи соли 1927 масъалаи табдил додани китобхонаи шаҳрӣ ба китобхонаи Марказии ш. Душанбе дида баромада шуд [23;10-11]. Соли 1928 бинои Ҳукумати Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дар «Хонаи деҳқон» ва дар яке аз ҳуҷраи он китобхона ҷойгир карда шуд. Дар дохили бинои мақомоти олии давлатии ҷумҳурӣ ҷойгиршавии Китобхонаи марказии шаҳрӣ шаҳодат аз таваҷҷуҳ ба махзани маърифатист. «…Соли 1928 китобхона дари худро барои хонандагон кушода буд. Барои нигоҳдории Китобхонаи марказии шаҳри Душанбе, он солҳо маблағи калон ҷудо карда шуда, солҳои 1927-1928 буҷаи китобхона 7729 сӯмро ташкил мекард, ки аз он 5000 сӯм барои таҷҳизот ва пуррагардонии адабиёт (барои харидорӣ кардани дастхат) таъин шуда буд» [4;205]. Он солҳо барои харидорӣ кардани дастхат низ маблағи муайян ҷудо карда мешуд. Дар маводи санадии Комиссариати халқии молияи ҶШС Тоҷикистон номгӯи хароҷоти солҳои 1929-1930 маблағ барои штати корӣ ва нигоҳдории Китобхонаи

[1] **Адрес для корреспонденции.** Майрам Мамадазимова - соискатель ДДСТ им. М.Турсунзаде, 734063 Республика Таджикистан г. Душанбе, ул. Н.Карабоева 63/1. тел. 918 813 401.

марказии ш. Душанбе 47225 сӯм муайян карда шуда буд [1;69]. Ин маблағ нисбат ба солҳои гузашта шаш маротиба зиёд мебошад. Дар ҳуҷҷатҳои Комиссариати халқии молияи ҶШС Тоҷикистон низ баъзе рақамҳо оид ба Комиссариати халқии маорифи ҷумҳурӣ шаҳодати онро доранд, ки дар солҳои 1929-1930 китобхона фаъолият дошт [2;5, 7].

Оид ба фаъолияти китобхона ва кормандон дар ҳуҷҷатҳои бойгонии китобхона нигоҳ дошта шудааст. Дар мисоли: аз 28 майи соли 1931 дар асоси аризаи корманди китобхона Люперсолская Л. В. рухсатии меҳнатии соли 1930 бо рухсатии меҳнатии соли 1931 пайваст карда шудааст» [7]. Аз рӯи маълумоти Бойгонии марказии ҷумҳуриявӣ оғози фаъолияти Люперсолская Л. В. дар китобхонаи мазкур соли 1929 мебошад [3;12-13]. Аз сабаби он, ки фонди китобхона зиёд набуда, дар бинои хурд ҷойгир буд, китобхонаро мудир идора мекард. Аз моҳи майи соли 1931 то июни соли 1932 дар вазифаи мудири китобхона А. Пастернак ва минбаъд Н. Белудау кор кардаанд [8;80]. Соли 1931 идеяи дар Тоҷикистон таъсис додани шуъбаи тоҷикии Пажӯҳишгоҳи давлатии илмӣ-тадқиқотиро олимони Маскав ва Ленинград дастгирӣ намуданд. Академияи илмҳои ИҶШС дар кори ташкили Пажӯҳишгоҳ олимони Бахши Осиёи Миёнаро сафарбар намуд. Таҳти рохбарии профессор Умняков А. китобҳо оид ба Осиёи Миёна интихоб ва ҷамъ оварда шуд. Ба Академияи илмҳо, Институти таърих ва фарҳанги марксистӣ, Китобхонаи умумиттифоқии ба номи В. И. Ленин ва Палатаи китобҳо супориш дода шуд, ки ба Китобхонаи давлатии оммавии Тоҷикистон китобҳое, ки дар ИҶШС нашр мегардид, як нусхагӣ фиристад ва интихобу ҷамъоварии адабиёт то охири моҳи феврали соли 1931 ба охир расонида шавад [20;]. Ин пешравӣ ва ташаббуси олимон сабаби ғанӣ гардидани фонди китобхона мегардид.

Аз соли 1930 ба китобхона адабиёт доир ба соҳаҳои гуногуни илм: фарҳанг, сиёсат, саноат, иқтисодиёт, ҳуқуқ, луғатҳо ва ғайра ворид гардиданд. Бо зиёдшавии адабиёт теъдоди хонандагони китобхона низ аз ҳисоби аҳолии таҳҷоӣ зиёд мегардид. Соли 1931 аз 1788 хонанда 612 нафарашон тоҷикзабон буданд [11]. Теъдоди хонандагони китобхона аз кормандони давлатӣ, хизматчиён, донишҷӯён ва аз талабаи мактаб иборат буд. Баъдан фонди китобхона, ки сол то сол ғанӣ гашта буд, талаботи хонандагони зерин: аз қабили олимон, дӯзанда, косиб ва шахсони касбу кори гуногун тавонист қонеъ гардонад. Қайд кардан лозим аст, ки сол то сол теъдоди хонанда зиёд мегардид, аммо бинои китобхона ба талаботи кори китобдорӣ ҷавобгӯ набуд. Ин ҳолат Роҳбарияти Ҳукуматро ба ташвиш меовард. Соли 1931 ба китобхона хуҷрае дар маркази шаҳр – қисми бинои собиқ КМ ПК (б) Тоҷикистон дода шуд [4].

Тибқе, ки Қарори Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон аз соли 1932 Китобхонаи шаҳрӣ Китобхонаи давлатии оммавӣ эълон карда шуд [5;9]. Дар китобхона бори аввал тартиб додани феҳристи алифбоиро оғоз карданд. Аллакай 1 январи соли 1933 дар Китоби инвентарии №1 фонди тоҷикӣ 1583 нусха китоб бо забони мардуми таҳҷойӣ мавҷуд буда, бо алфавити лотинӣ номнавис карда шудааст [16]. Дар натиҷаи ба руйхатгирии фонди китобхона маълум гашт, ки адабиёт ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ 5% ро ташкил мекард [10; 428].

Солҳои 30-юм дар ҷумҳурии ҷавон марказҳои илмӣ таъсис дода мешуданд, чунончи аввалин Институти педагогии ш. Душанбе. Аввалин донишчуён низ аввалин хонандагони Китобхона буданд. 17 марти соли 1932 Раёсати Академияи илмҳои ИҶШС оид ба таъсис додани Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳо дар Душанбе қарор қабул кард. База то соли 1938 дар 3-4 ҳуҷраи Китобхонаи давлатии оммавӣ ҷойгир буд [10].

30 октябри соли 1932 ба пойтахти ҶШС Тоҷикистон Ноиби президенти АИ ИҶШС В. Л. Комаров, академикҳо А. Ф. Иоффе, С. Ф. Ольденбург, Д. Н. Прянишников омаданд. Меҳмононро аз номи Ҳукумати Тоҷикистон И. Хӯҷаев пешвоз гирифт. Олимони барҷастаро Раиси Кумитаи Марказии Иҷроияи РСС Тоҷикистон Нусратулло Махсум ба ҳузур пазируфт [17].

Ин шаҳодат медиҳад, ки Китобхонаи Миллӣ дар бунёд ва мустаҳкамгардонии марказҳои муҳимми илмӣ дар ҷумҳурӣ дастгирӣ ва саҳм гузоштааст.

Солҳои 30-уми асри XX ба тайёр кардани кормандони китобхона аз аҳолии таҳҷоӣ шуруъ карданд. Дар рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» оварда шудааст, ки ду духтари тоҷик дар китобхона фаъолият дошт ва ҳар ду аз уҳдаи вазифаи худ мебаромаданд [13]. Мутаасифона ном ва насаби онҳо оварда нашудааст.

Аз оғози моҳи августи соли 1933 Ҳоҷибоева О. аввалин зан ба вазифаи директори Китобхонаи давлатии оммавӣ таъин карда шуд [7]. Дар бораи рӯзҳои аввалини фаъолияти худ дар Китобхонаи калонтарини ҷумҳурӣ ӯ ба хотир меоварад: «… аввал ба васеъ кардани бинои китобхона ва мустаҳкамгардонии кори шуъбаи дастхатҳои шарқӣ аҳамият додам. Ду нафар намоянда аз аҳолии таҳҷоӣ ба кор қабул карда шуданд, ки онҳо кори шуъбаро аз нав ташкил доданд. Маҳфузгоҳи китобхонаро васеъ ва муҷаҳҳаз гардонидам» [10]. Дар ҳамон солҳои барқарорсозӣ О. Ҳоҷибоева ба китобхона Саодат Икромова (ҳамсари Ҷ. Икромӣ)-ро ба кор қабул кард, ки Икромова солҳои тӯлонӣ ба хонадаи китобхона хизмат расонида иштирокчии чандин чорабиниҳо дар ҷумҳурӣ ва хориҷ буд.

Китобдорон барои ҷалб намудани хонанда ба китобхона чорабиниҳои фарҳангӣ, намоишҳои китобӣ, вохӯриҳо, шабҳои эъҷодии шоир ва нависандагон ва ғ. ташкил мекарданд. Рӯзи кушодашавии толори хониши Китобхонаи давлатии оммавӣ 16 нафар хонанда иштирок намуда буданд [14]. Он шонздаҳ нафар хонандагоне, ки дар хотири собиқ кормандони китобхона нақши бузурге гузоштанд, аз аввалин донишҷӯёни донишкадаи омӯзгории пойтахт буданд [18].

Тавре яке аз бунёдгузорони китобхона Рина Осиповна Талман хотиррасон намудааст, пуррагардонии мунтазам дар китобхона боиси бунёди шуъбаи алоҳида гашт. Аз фонди умумии китобхона адабиёт ба забонҳои хориҷӣ барои нигоҳдории алоҳида ҷудо карда шуданд [21]. Бармеояд, ки барои қайди адабиёт ба забонҳои хориҷӣ 9 феврали 1933 Китоби бақӯйхатгирии №1 (Инвентарная книга №1) ташкил карда шудааст [15]. Ва фақат соли 1956 ба шуъбаи хориҷӣ ҷудо карда шуд.

Агар китобхонаи калонтарини ҷумҳурӣ аз 1 январи соли 1933 нусхаҳои ҳатмии ҳама китобҳои дар ҶШФСР (РСФСР) чоп шударо гирифта бошад, баъд аз соли 1934 нусхаи ҳатмии ҳамаи маҳсулоти чопии дар Иттиҳоди Шӯравӣ аз нашр мебаромад мегирад [4;205].

Соли 1934 1000-солагии шоири бузурги форс-тоҷик Абулқосим Фирдавсиро дар пойтахти ИҶШС шаҳри Маскав дар Осорхонаи фарҳанги Шарқ васеъ ҷашн гирифтанд, намоишгоҳ бахшида ба ҷашнвораи шоир ташкил карда шуд. Дар намоишгоҳ аз Тоҷикистон 600 нусха китоб оид ба эҷодиёт ва даврони шоир, дастхати «Шоҳнома»-и қарнҳои XVIII-XIX, зарфҳои шишагӣ, тангаҳои қадимӣ, қолинҳои кӯзаи (парфяни) портии духазорсола ба маърази тамошо гузошта шуд [12]. Ҳамон сол ба Китобхонаи давлатии оммавӣ номи Абулқосим Фирдавсӣ гузошта шуд [2]. Баробари ғанӣ гаштани фонди китобӣ буҷаи китобхона низ зиёд мегашт. Як сол қабл буҷаи китобхона 144000 сӯмро ташкил карда бошад, соли 1934 ба 173260 сӯм расид. Дар соли 1935 буҷаи китобхона дар ҳаҷми 283139 сӯм пешбинӣ карда шуд, ки он солҳо маблағи калон ба ҳисоб мерафт. Чи тавре, ки дар боло қайд карда шудааст, аз ин маблағ 97500 сӯм барои харидории адабиёт ба забонҳои маҳаллӣ ва дастхат ҷудо гардид. Хонандагони китобхона аз аҳолии таҳҷоӣ - 15, 6%, хизматчиён - 76, 9%, талабагони мактаб - 20, 5%-ро ташкил медоданд, толори хониш китобхона аз соати 10. 00 саҳар то 22. 00 бегоҳ кор мекард [6;20-21].

Соли 1935 ба маърази 3363 хонанда рӯзномаю маҷалла ва адабиёти гуногун гузошта шуд. Аз ин ҷост, нисбат ба соли 1934 теъдоди хонанда дар соли 1935 900 нафар зиёд шудааст [9]. Талаботи хонандаро ба назар гирифта бахши матбуоти даврӣ ташкил карда шуд. Бо таъсиси Палатаи китоби ҶШС Тоҷикистон соли 1937 нусхаҳои ҳатмии нашрияҳои ҷумҳуриявӣ низ ба китобхона ворид гаштанд. Дар охирҳои солҳои 30-юм фаъолияти китобхона васеъ гардида, шуъбаҳои нав кушода, робитаи он бо дигар муассисаҳои фарҳангӣ фаъол шуд. Соли 1935 дар назди шуъбаи нигоҳдорӣ бахши матбуоти даврӣ, соли 1936 пуррагардонӣ, соли 1938 шуъбаҳои маълумотдиҳӣ-библиографӣ ва абонементи байникитобхонавӣ (АБК) ташкил карда шуд [19;82]. Дар

китобхона шумораи чорабиниҳои фарҳангӣ, конфронсҳои илмӣ, вохӯриҳо, намоиши китобҳо, шабнишинии хонандагон зиёд гардида, курсҳои кӯтоҳмуддат низ ташкил карда мешуд. Аксари кормандони китобхона ва китобдорон русзабон буданд, вале хонандаи китобхона аз аҳолии таҳҷойӣ зиёд мегашт. Бо ташаббуси директори онвақтаи китобхона, Дарья Порфирьевна Овчинникова соли 1938 дар китобхона курси кӯтоҳмуддати «Омӯзиши забони тоҷикӣ» ташкил карда шуд ва иштирок дар дарс барои китобдорон ҳатмӣ буд [8]. Солҳои баъдина ба Китобхона Ғ. Аҳмедов, Қ. Ҷамолов А. Абдухолиқов, тоҷикдухтарон Халифаева Ҳ, Қосимова М. Исматуллоева Л. Каримова О. ва бисёрӣ аз аҳолии таҳҷойӣ ба кор қабул карда шуда, солҳои зиёд ба рушди кори китобдорӣ дар ҷумҳурӣ ҳиссагузор ва ба хонандаи китобхона хизмат расониданд…

Ҳукумати ҷумҳурӣ соли 1939 бахшида ба даҳсолагии ҶШС Тоҷикистон ба сохтмон бинои нави Китобхона оғоз кард, лекин Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) нафақат ба рушди ҷомеа, пешравии илм ва фарҳанг инчунин ба сохтмони бинои нави китобхона низ, таъсири манфии худро расонида буд….

Ҳамин тариқ, Китобхонаи асосии ҷумҳурӣ бо ҷидду ҷаҳди кормандонаш ботадриҷ байни муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатии ҷумҳурӣ мавқеъи намоёнро ишғол намуд, нафақат барои имрӯз, балки барои оянда ин сарвати миллиро нигаҳдорӣ менамояд.

**Адабиёт**


1. ЦГА РТ. Фонд 306. Оп. 1. Ед. хр. 77, л. 69.
2. ЦГА РТ. Фонд 1589 Оп. 2. л 5. Китобхонаи давлатии республикавии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ. - Сталинобод. -1961. -С. 7
3. ЦГА РТ Фонд 1589. Оп. 1. Ед. хр. 322. л. 12-13.
4. ЦГА РТ Фонд 1483 Оп. 2 Ед. хр. 37. Л. 205
5. ЦГА РТ Фонд 1483 Оп. 1 Ед. хр. 110 л. 9
6. ЦГА РТ Фонд 360 Оп 1 хр 328 Л. 6, 20-21.
7. Архив НБ им. Фирдоуси. ОП 2 хр. 1. Л 33. Приказ №31931-1934 гг.
8. Архив ГПБ им. А. Фирдоуси ОП 2 Ед. хр 5 л. 80. Приказ №10.
9. В библиотеки с каждым днем становится теснее // Коммунист Таджикистан. - 1936. - 6 март.
10. Из истории культурного строительства в Таджикистане в 1924-1941 гг. : (Сб. документов и материалов). в 2-х томах. - Душанбе. 1966. -Т. I. - С. 672
11. Книги скучают в ящиках // Коммунист Таджикистан. - 1931. - 30 мая.
12. К тысячелетию со дня рождения Фирдоуси // Коммунист Таджикистана. - 1934. -3 июня.
13. Место – книге и читателю // Коммунист Таджикистана. - 1934. - 9 сент.
14. Никитин, М., Сергеева, Р. Библиотека и читатель // Коммунист Таджикистана / Никитин М., Сергеева Р. 1945. - 24 авг.
15. Отдел иностранной литературы НБ им. Фирдоуси. 2010 г.
16. Отдел периодики НБ им. Фирдоуси Инв. кн. №1 Русской и таджикский фонд 1933г.
17. Приезд бригады АН в Сталинабад // Коммунист Таджикистана. - 1932. -30 окт.
18. Пшеничный, Б. Сокровищница книг/ Пшеничный Б. - Душанбе: Ирфон, 1966. - С18.
19. Рытикова, И.А. История создания отделов ГБ. Им. Фирдоуси // Китобхонаи миллии Точикистон / Рытикова И.А. - Душанбе, 1993. - С. 82
20. Таджикская Государственная публичная библиотека будет иметь все выводящиеся в СССР книги // Коммунист Таджикистана. - 1931. -15 янв.
21. Тальман Р.О. Государственная публичная библиотека Таджикской ССР им. Фирдоуси: Краткий очерк / Тальман Р. О. - Сталинабад, 1954. - С. 10.
22. Хамракулов, П. Успехи таджикского народа в развитии культуры и науки - за годы в Советской власти / Хамракулов П. - Душанбе. -1957. -С. 197.
23. Шевченко З. М. Из истории библиотечного дела в Таджикистане / Шевченко З.- Душанбе, 1968. - с. 48.

**МАМАДАЗИМОВА М.**

## СОЗДАНИЕ И РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БИБЛИОТЕКИ ТАДЖИКИСТАНА (В 20-30 ГГ. XX В.)

В этой статье автор рассматривает создание и развитие национальной библиотеки Таджикистан, а также даст анализ с помощью использования архивных данных и напечатанной ранее литературы и анализирует. Аргументы и факты доказывают то, что главная библиотека республики, сыграла важную роль в ликвидации безграмотности населения и внесла весомый вклад в собирание, хранение и пропаганде литературы в республике.

В статье использованы архивные данные и литература.

**Ключевые слова:** Библиотека, книга, библиотекарь, архив, публичная, директор, фонд, рукопись, Великая Отечественная война, читатель, отдел, образование, культура, постановление, заведующая, специалист.

**MAMADAZIMOVA M.**

## CREATION AND DEVELOPMENT OF THE NATIONAL LIBRARY OF TAJIKISTAN (20-30 Y. OF THE XX CENTURY.)

Article on «Creation and development of the National Library of Tajikistan (20-30 y. of XX century.)» In the era of national independence, the National Library is one of the basic structures of the nation. On this basis, the study of this topic is relevant.

In this article the author tries to prove the establishment and development of the National Library, as well as prove to the care and use of archival data and previously published literature and analyzes. Arguments and Facts prove that the main library of the country, has played an important role in the elimination of illiteracy of the population and made a significant contribution in the collection, storage and dissemination of literature in the country. The article highlights the historical 20-30 years go step by step and shows the role of a center of culture.

The paper used is rich in historical data and literature. Article prepared for publication.

**Keywords:** library, book, librarian, library, public, director of the fund, the manuscript reader, department, education, culture, decree, Head Specialist, World War